«Тасдиқ мекунам»

Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев», номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Комилбек Амид Ёрбек________________

«15» ноябри соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 09 – Фолклоршиносӣ**

Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зумраи шоирони боистеъдод ва шахсиятҳои маъруфи таърихӣ буда, бо ашъори мондагор ва чеҳраи нотакрораш аз даврони зиндагии хеш то замони мо вирди забони хосу ом қарор гирифтааст. Доир ба шахсият, ҳунару истеъдоди фардӣ, хислатҳои наҷиб, афкори бикру шевои содаву сабки хуросонии шеъри ӯ аз давраи рӯзгораш то ба ҳол таълифоти зиёди гуфторӣ, илмӣ ва фарҳангӣ интишор гардидааст. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ нахустшоирест, ки дар эҷодиёти ӯ ҳама навъҳои маъмули адабӣ дар сатҳи олии худ ба мушоҳида мерасад. Аз ин ҷост, ки ӯро бо унвонҳои бузурги адабӣ, ба мисли “устоди шоирони Аҷам”, “соҳибқирони шоирӣ” “поягузори адабиёти классикии форсии тоҷикӣ”, “Одамушшуаро» сазовор донистаанд. Хусусан, дар эҷодиёти даҳанакии халқ ҳамеша рӯзгор ва осори устод Рӯдакӣ зинда буд ва дар ин бора нақлу ривоятҳои гуногун мавҷуд аст, ки шаҳодати мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани рӯзгору осори ин шахсияти эҷодӣ ва таърихӣ мебошад. Яъне, ин масъала аз замони Сомониён – замони зиндагии устод Рӯдакӣ ва пас аз он дар ҳеҷ давру замонҳо мавқуф гузошта нашуда, баръакс аз як сада ба садаи дигар зиёда ва доманадортар мегардад. Бо вуҷуди чунин таваҷҷуҳ ба

ҳаёту фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳанӯз масъалаҳое мавҷуданд, ки аз лиҳози илмӣ дақиқ равшан карда нашудаанд ва пажуҳиши жарфтари онҳо, бешак ба андешаи ман, вазифаи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик мебошад.

Бешубҳа, дар миёни сарчашмаҳои рӯзгор ва осори Рӯдакӣ ривоятҳо ва ёддошту ҳикоятҳои мардумӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд, ки новобаста аз гирдоварӣ ва мавриди пажуҳишҳои ҷузъӣ қарор гирифтанашон, ҳанӯз ҳам ба таври комил дар шакли рисолаи илмии алоҳида омӯхта нашудаанд. Аз он ҷумла, муайян намудани нақши ривояту нақлҳои мардумӣ дар мушаххас сохтани шахсият, муносибати ӯ бо шоҳони Сомонӣ, ҳунару истеъдод, масоили нобиноӣ, ҳакимӣ, ошиқӣ, даврони кӯдакиву наврасӣ ва соири хислатҳои ҳамидаи инсонии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба пажуҳиши васеъ ва густарда ниёз доранд. Илова бар ин, ҷанбаи таъсирпазирии ашъори ӯ аз осори шифоҳӣ ва баръакси он, иртиботи осори гуфторӣ дар муқоиса бо ашъори шоир ҳанӯз дар доираи илми фолклоршиносӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Фузун ба ин, масъалаи бозтоби ҷашнҳои миллии ниёгон ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Рӯдакӣ ва муқоисаи онҳо бо матни адабии марбут ба ойину русуми мардумӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Оё шахсияти аслии Рӯдакӣ аз шахсияти ривоятии ӯ чи фарқ дорад, муштаракот ва тафовути онҳо чӣ гуна аст, ин аз масъалаҳои илмие мебошад, ки дар ин рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Мазияти дигари рисолаи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович бо унвони "**Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**" дар он аст, ки маводи гуфторӣ ва шифоҳии зиёд дар бораи шахсият, ашъор ва рӯзгори устод Рӯдакӣ дар ганҷинаи шифоҳии халқи тоҷик маҳфуз буд, муқобалаю муқояса шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар доираи пажӯҳиши ҷудогона пешниҳод гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар мадди аввал, сарчашмаҳои дастрас, маводи муҳимми илмӣ ва пажуҳиширо омӯхта, дар муайян намудани

шахсият ва ҳунару истеъдод, ҷанбаҳои дигари рӯзгор ва эҷодиёти Рӯдакӣ то андозае даст ёфтааст.

Дар шарҳи муҳиммияти мавзуи диссертатсия мо бо муаллиф ҳамақида ҳастем, зеро муайян намудани шахсияту рӯзгор ва ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба таври куллӣ дар заминаи нақлу ривоятҳои мардумӣ ва осори хаттӣ талаби илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аст. Дар ҳаллу фасли масъалаҳои марказии пажуҳиши илмӣ муаллиф аз тарзи нави асли илмӣ, яъне истифодаи маводди фолклорӣ ҳамчун воситаи ташхис истифода намудааст, ки он ба раванди баррасии мақсаду вазифаҳои илмии ба нақша гирифташуда комилан мувофиқат дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур қадами нахустин дар омӯзиши нақши ривоятҳо, ба мақсади боз ҳам беҳтар ва дақиқтар муайян намудани санаҳои таърихӣ ва ҳаётии даврони Рӯдакӣ, муқоисаи онҳо бо ашъори шоир, маҳорати шоир дар истифода аз осори мардумӣ ва таъсири бевоситаи адабиёти шифоҳии халқи тоҷик ба ҳунари эҷодии ӯ мебошад. Дар доираи чунин таҳлил бори аввал дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик нақши ривоятҳо дар муайян намудани дараҷаи ҳунармандии шоир, шахсият ва хулқу симои ӯ таҳлил гардида, таъсири мутақобилаи ашъори шоир ва осори шифоҳӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** ба он равона шудааст, ки натиҷаҳои таҳлил ва тарзи пажуҳиш дар диссертатсия арзишҳои махсуси назариро барои илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, дар диссертатсия нахустин маротиба се тарзи зерини таҳлили ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба роҳ монда шуданд, ки барои пажуҳишҳои минбаъда ҳамчун усули назарӣ истифода шудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1) Муқоисаи воқеаҳо ва санаҳои ривоятҳои мардумӣ дар бораи Рӯдакӣ бо санаҳои воқеии ҳаёти шоир ва тасдиқ ё инкори мавҷудияти воқеии онҳо.

2) Таҳлили ҳунар ва истеъдоди шоир дар масъалаи истифода аз намунаҳо, асотир, гуфтор, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо, чеҳраҳои асотирӣ ва амсоли инҳо, ки нишондиҳандаи ҳунари ӯ, аз як тараф ва нишондиҳандаи сабаби маъруфияти ӯ дар миёни омма, аз тарафи дигар, гардиданд.

3) Таҳлили ҷойгоҳи ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар ашъори Рӯдакӣ ҳамчун намунаи дониш ва ифтихори баланди миллии шоир, ки арзиши бузурги тарбиявӣ ва маърифатиро доро мебошад.

Арзиши аслии назарии диссертатсия дар таҳлили гурӯҳбандии ривоятҳои мардумӣ, дар муайян намудани шахсият ва ҳунару истеъдоди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, аз як тараф, ва таҳлили ҳунари шоирии Рӯдакӣ дар заминаи истифодаи моҳирона аз адабиёти шифоҳӣ, аз тарафи дигар, ба мушоҳида мерасад ва ин моро итминон мебахшад, ки муаллифи рисола аз масъалае, ки пажӯҳиш мекунад, комилан огоҳ аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он бармеояд, ки маводди дар диссертатсия таҳлилшуда метавонад ба таври дастрас ва сода дар таълиму тадриси хонандагони мактабҳои миёна ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад, зеро он барои таҳияи китобҳои дарсӣ мувофиқ аст ва инчунин метавонад дар курсҳои махсуси омӯзишии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди истифода қарор гирад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб ва шонздаҳ фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва рӯйхати гӯяндаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима муаллифи диссертатсия дар бораи муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, таҳлили дараҷаи пажуҳиши он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асоси методологӣ ва ҳадафу вазифаҳои тадқиқ ва арзишҳои назариву амалии он мулоҳизаи илмӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия “**Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ**” унвон дошта, ривояту нақлҳои омиёнаи тоҷик дар ҳафт фасл таҳлилу баррасӣ шудаанд. Дар фаслҳои ҷудогонаи ин боб масъалаҳои муҳимми марбут ба рӯзгору осор ва шахсияти Рӯдакӣ аз назари ривояту нақлҳои мардумӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия “**Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ**” унвон дошта, аз шаш фасл иборат аст ва дар ҳар як фасли ин боби диссертатсия масъалаи таъсири мутақобилаи адабиёти шифоҳӣ ба эҷодиёти Рӯдакӣ ва бозтоби унсурҳои фарҳанги мардумӣ дар ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тавре ки ишора шуд, дар ин боб масъалаҳои таъсирпазириву алоқамандии ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳӣ, ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти шоир бо мисолу далелҳо таҳлил карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия барои исботи афкораш аз ашъори шоир ва эҷодиёти шифоҳӣ мисолҳо оварда, ҳамчунин дар мавридҳои зарурӣ онҳоро муқоиса намудааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони “**Тасвири ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**” ба таҳлили масъалаҳои марбут ба унсурҳои улуми фарҳангшиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии алоқаманд бо ашъори устод Рӯдакӣ ихтисос ёфта, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар фаслҳои ҷудогонаи ин боб муаллиф саъй ба он доштааст, ки ҳунарии шоирии устод Рӯдакиро дар бозтоби ҷашну маросимҳо ва бовару эътиқодоти мардумӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад. Муҳаққиқ барои исботи фикраш аз намунаҳои осори шифоҳӣ ва эҷодиёти шоир мисолҳо оварда, роҷеъ ба ҳар яке аз ин масоил андешаҳои худ бо равиши илмӣ баён менамояд. Тавре ки дар диссертатсия оид ба ҷашни Меҳргон порчаи шеърии зеринро меоварад:

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад.
Хаз ба ҷойи мулҳаму харгоҳ
Бадали богу бӯстон омад.
Мӯрд ба ҷойи савсан омад боз,

Май ба ҷойи арғавон омад.

Ту ҷувонмарду давлати ту ҷувон

Маҳ ба бахти ту навҷувон омад (дисс. Саҳ, 138).

Ҳамин тариқ, аз оғози диссертатсия то анҷом роҷеъ ба ҳар мавзуъ ва масъала ҳам аз осори фолклорӣ ва ҳам аз ашъори шоир мисолҳои бамаврид оварда шуда, мундариҷаву муҳтавои онҳо таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Диссертант бар мабнои далоили муътамад сабабҳои иртиботи ашъори Рӯдакӣ бо осори шифоҳиро таҳқиқ карда, ба ин натиҷа мерасад, ки шеъри ӯ аз эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик сарчашма мегирад, ки чунин равиши қиёсӣ арзиши рисолаи ӯро баланд бурда ва ин яке аз дастовардҳои муҳимми пажуҳиши мазкур ба шумор меояд. Натиҷаи муҳимми дигари пажуҳиши Исмоилов Фаредун муайян намудани чеҳра, муносибату шахсият ва масоили мухталифи рӯзгори шоир аз диди осори халқӣ дар мисоли ривояту нақлҳо мебошад, ки барои шинохти Рӯдакӣ аз аҳаммияти фавқулода бархурдор аст.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқ баён шудаанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ тартиб дода шудааст.

Бояд таъкид кард, ки муҳаққиқи ҷавон дар ҷараёни пажуҳиш маводди хеле зиёд ва арзишманде гирд овардааст ва барои эътимод бахшидан ба андешаҳои хеш ба асарҳои тадқиқотии фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, мулоҳизаҳои шахсии хешро дар бештари мавориди вобаста ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён карда ё гоҳи дигар ба андешаҳои онҳо ангушти интиқод баланд мекунад.

Забони диссертатсия илмӣ аст, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд, аз ҷумла:

1. Дар боби аввали диссертатсия дар баъзе фаслҳо хулосаҳои ҷиддӣ кам ба назар мерасанд. Масалан, дар фасли дуюм, ки "Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ" унвон дорад, чунин норасоӣ дида мешавад (рисола саҳ. 31).

2. Қасидаи "Омад баҳори хуррам..."-и Рӯдакиро таҳлил карда, муаллифи диссертатсия онро мансуб ба нақши ҷашни бостонии Наврӯз дар рӯзгор муаррифӣ менамояд. Таҳлил хуб анҷом шудааст, вале дар асл ин қасида ба тасвири баҳор бахшида шудааст, на мустақиман ба ҷашни Наврӯз (рисола саҳ. 123-137).

3. Хуб мебуд, агар диссертант дар рӯйхати адабиёти истифодашуда асарҳоро аз рӯйи хронология меовард (рисола саҳ. 156-167).

4. Дар диссертатсия ва автореферат ҷо-ҷо такрори фикр ба назар мерасад, ки таҳрири онҳо боиси беҳтар гардидани сифати кори илмӣ мебошад.

5. Дар диссертатсия иштибоҳоти имлоию техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

Ниҳоят, таъкид карданием, ки нуқсонҳои дар боло зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва фишурдаи он комилан мувофиқат дошта, мундариҷаи корро якҷо бо мақолаҳои муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи "Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" тадқиқоти анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.09. – Фолклоршиносӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёт ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок дошта, 12 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 12 нафар, "бетараф"- 0, "муқобил" - 0. Протоколи №3, аз 27.10.2022.

**Раиси ҷаласа,**
**номзади илми филология** **Таваккалов Ҳ.**

**Котиби ҷаласа,**
**ассистенти кафедра** **Мавлододова Ҷ.**

**Эксперт, номзади илми**
**филология, дотсент** **Қамбаров Н.Ч.**

**Имзои Ҳ. Таваккалов, Мавлододова Ҷ.**
**ва Н.Ч. Қамбаровро тасдиқ**
**мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳои ДДХ**
**ба номи М. Назаршоев** **Саидраҳмонов Н.**

**Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шотемур 109,**
**Тел.: +992(835)22-248.**
**"15" ноябри соли 2022.**